# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Солҳои охир ба таҳқиқи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таваҷҷуҳи бештар шуда бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои он то ҳол матраҳ нагардидаанд.

Диссертатсияи мавриди баррасӣ ба пажуҳиши хусусиятҳои забонии баъзе воситаҳои тасвири бадеӣ ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Диссертант мавзуи интихобнамударо дар заминаи маводди ғании ҷамъоварда муаллифони ва осори бадеии тарҷумавӣ таҳқиқ намудааст.

Мақсади диссертатсия расидан ба тарҷумаи комил аст, ки барои ҳалли як қатор вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия як қатор воситаҳои тасвири бадеии маъмул дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои забонию тарҷумаи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил гардидаанд. Дақиқ будани маълумоти дар диссертатсия оварашуда ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқ аз дараҷаи эътимоднокии диссертатсияи мазкур шаҳодат медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур, ки «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» унвон гирифтааст, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ солҳои 2017-2025 ба шакли маъруза ироа гардидааст. Муҳтавои диссертатсия 43 мақолаи чопшуда, ки аз онҳо 17 мақолаи банашррасида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар охири ҳар як боб хулосаи муаллифи диссертатсия оварда шудааст, ки ба рушди тарҷумаи тоҷик мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин дар пажуҳиш хусусият, шабоҳат ва умумияти воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои муқоисашаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти диссертатсия ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Баъзе мисолҳои дар боби сеюми диссертатсия овардашуда таҳлил мехоҳанд;
2. Агар шарҳи маъноии баъзе аз воситаҳои тасвири бадеӣ мукаммал карда мешуд, арзиши илмию амалии пажуҳиш бештар мегардид;
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мавҷуданд (саҳ. 5, 9, 15, 40 ва ғ.)

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори таҳқиқиро паст намекунанд. Довталаби дараҷаи илмӣ воқеан, дар таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ бо истифода аз маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиши назаррас анҷом додааст, ки ба илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ҳамчун маводди назарӣ ва амалӣ зарур мебошад.

Сохти ва таркиби автореферат ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,мувофиқ аст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ
**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Карамшо 266.
Тел.: (+992) 939-31-40-32
E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Н. Офаридаевро тасдиқ мекунам:

Раёсати кардҳо ва коргузории
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Насим
**Суроғаи муассиса:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти ВМКБ, ш. Хоруғ, хиёбони Ш. Шотемур 109.
Тел: (+992) 3522 2 45 79
E-mail: info@khogu.tj; http//www.khogu.tj

29.04.2025